**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ), профессор Ахмедов С. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (09.00.03), профессор Назариев Р. З. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа (09.00.03 – таърихи фалсафа), профессор Диноршоева З.М. диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалилро дар мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд:

1. Диссертатсия ба яке аз масъалаҳои муҳими диншиносӣ бахшида шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки тавассути далелҳои муътамади илмӣ муҳимияти мавзуи мавриди таҳқиқи худро исбот намояд. Комиссия бо андешаи диссертант дар мавриди он ки инъикоси арзишҳои дунявӣ дар дин ҷанбаи кампажӯҳишёфтаи таҳқиқотҳои илмӣ дар диншиносии муосир маҳсуб меёбад, комилан мувофиқ аст. Ҳамчунин нуқтаи назари муаллиф дар хусуси он ки имрӯз дар миёни қишрҳои исломгарои ҷомеа ақоид ва дидгоҳҳои ифротгароёна ба вуҷуд омада, ба ҳамзистии осоиштаи фарҳангҳои гуногун таҳдид намуда истодаанд, сазовори таъйид ва дастгирӣ маҳсуб меёбад.

2. Дар мавриди мувофиқати диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, низ мувофиқ ҳастем. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети

таҳқиқро дар робита бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳамаи қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ин хусусият ва вижагиҳои дигаре, ки дар таҳқиқот зикр ёфтаанд, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси - 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ, ки аз руйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4.Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 1 монография ва 33 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 19-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамояд.

5. Дар диссертатсияи Абдухалилзода К.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос аз муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои

муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ аст ва аз риоя шудани банди 37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Абдухалилзода К.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и "Низомномаи шурои диссертатсионӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1.Диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи "Ислом ва арзишҳои дунявӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

1. Зиёев Идибек Ғозиевич – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. Атоев Атоуллоҳ Мухторович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

3. Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович - доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода.

3.*Пешниҳод карда шавад, ки оид ба диссертатсияи* Абдухалилзода К.А. ба сифати муассисаи пешбар МДТ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ таъйин карда шавад.

4.Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Ахмедов С.
**Имзои С. Ахмедовро тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назариев Р. З.
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Диноршоева З. М.
**Имзоҳои Р.З. Назариев ва З.М. Диноршоеваро тасдиқ менамоям:**
Нозири калони кадрҳои Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов Абдураҳмонзода Б.

4.07.2024